# 11495 - Дили пок дорад, вале падару модарашро эҳтиром намекунад

**савол**

Агар мусулмон намоз бихонад, амалҳои солеҳи зиёдеро анҷом бидиҳад ва дили пок дошта бошад, вале падару модари худро эҳтиром накунад ва ё ба онҳо эҳтимом наварзад. Оё ин хато аст? Ва оё ингуна шахс барои ин кор муҷозот карда мешавад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бале, ин хато ҳисобида мешавад ва иҷрокунандаи он муҷозот карда мешавад, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

فَلَا تَقُل لَّهُمَا أُفٍّ وَلَا تَنْهَرْهُمَا وَقُل لَّهُمَا قَوْلًا كَرِيمًا ﴿﴾ وَاخْفِضْ لَهُمَا جَنَاحَ الذُّلِّ مِنَ الرَّحْمَةِ

سورة الإسراء: ٢٣ _ ٢٤

**«Пас ба онон (ҳатто калимаи) уф магӯ ва бар онҳо овоз баланд макун ва бо эҳтиром ба онон сухан бигӯ. Ва аз рӯи меҳрубонӣ дар баробарашон фурӯтан бош».** (Сураи Исро: 23-24).

Шайх Саъд Ал-Ҳумайд

Ҳар гуна азият додани падару модар бо гуфтор ё кирдор нофармонӣ аст, ки фарзанд барои ин кораш гунаҳкор мешавад, зеро ин хилофи амру наҳйи Аллоҳ аст, ки Ӯ ба мо дастур додааст, ки бо онон хушгуфтору хушрафтор бошем. Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَقُل لَّهُمَا قَوْلًا كَرِيمًا ﴿﴾ وَاخْفِضْ لَهُمَا جَنَاحَ الذُّلِّ مِنَ الرَّحْمَةِ

سورة الإسراء: ٢٣ _ ٢٤

**«Ва бо эҳтиром ба онон сухан бигӯ. Ва аз рӯи меҳрубонӣ дар баробарашон фурӯтан**

**бош».** (Сураи Исро: 23-24).

Ва аз нофармонӣ намудани падару модар бо гуфтору кирдори бад манъ кард.

فَلَا تَقُل لَّهُمَا أُفٍّ وَلَا تَنْهَرْهُمَا

سورة الإسراء: ٢٣

**«Пас ба онон (ҳатто калимаи) уф магӯ ва бар онҳо овоз баланд макун».** (Сураи Исро: 23).

Агар аз фарзанд чунин амал рух диҳад, пас бояд ба сӯи Аллоҳ таъоло тавба кунад ва аз падару модараш бахшиш бипурсад, то аз азоб наҷот ёбад.